# Хулосаи

## Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи аудити молиявии маблағҳои ҷалбшудаи қарзию грантӣ аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ барои пешгирии паҳншавии беморӣи сироятии коронавирус ва кам намудани таъсири он ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ

1. Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №14158 мутобиқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Вазорати молия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, инчунин дигар вазорату идораҳо омода гардида, аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

2. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии паҳншавии беморӣи сироятии КОВИД-19 ва коҳиш додани таъсири он ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар соли 2020 аз Хазинаи Байналмилалии Асъор ба маблағи 189,5 млн. доллари ИМА ва аз Фонди Авруосиёии Муътадилгардонӣ ва Рушд 50,0 млн. доллари ИМА, ҷамъ 239,5 млн. доллари ИМА маблағҳои қарзӣ, инчунин аз Бонки Осиёии Рушд 102,5 млн. доллари ИМА маблағҳои грантӣ, дар маҷмуъ 342,0 млн. доллари ИМА ҷалб карда шудааст.

3. Ҷиҳати амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба паҳншавии беморӣи сироятии КОВИД-19 ва коҳиш додани таъсири он ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз маблағҳои ҷалбшуда тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хариди захираҳои моддию молӣ ва техникаю таҷҳизотҳои тиббӣ, инчунин корҳои таъмирӣ 572,1 млн. сомонӣ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пардохти кӯмакпулиҳои яквақта ба оилаҳои камбизоат 73,5 млн. сомонӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти кӯмакпулии яквақта ба кӯдакони бесаробонмондаи муҳоҷирони меҳнатӣ 1,2 млн. сомонӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пардохти кӯмакпулии яквақта ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ 107,0 млн. сомонӣ, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти кӯмакпулӣ ба гурезагони камбизоат 116,4 ҳазор сомонӣ, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хариди гандум, картошкаи тухмӣ, заҳрдору ва коркарди кимиёвии боғу токзорҳо 14,3 млн. сомонӣ, Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидории гандуми истеъмолӣ, биринҷ, шакар, сӯзишвории дизелӣ ва нуриҳои минералӣ 103,2 млн. сомонӣ ва ба

КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” ҷиҳати ҷудо намудани маблағҳои имтиёзноки қарзӣ ба соҳибкорон 180,0 млн. сомонӣ масраф карда шудааст.

3.1. Ба ҳолати 31 декабри соли 2020 бақияи суратҳисобҳои қарзию грантии Вазорати молия дар Бонки миллии Тоҷикистон маблағи 162,2 млн. доллари ИМА баробар ба 1 млрд 833,3 млн. сомонӣ ва дар суратҳисоби Сарраёсати хазинадории марказӣ 54,8 млн. сомониро ташкил медиҳад.

4. Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати хариди мошинҳои ёрии таъҷилӣ, маводҳои доруворӣ, хариди таҷҳизоту лавозимоти тиббӣ ва корҳои таъмирӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории хариди давлатӣ ба маблағи 742,0 млн. сомонӣ озмунҳои харид гузаронида шуда, ба ширкатҳои молрасон 572,1 млн. сомонӣ пардохт карда шудааст.

4.1. Аз ҷониби ширкатҳои молрасон воситаҳои асосӣ, маводҳои доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ ба маблағи 345,8 млн. сомонӣ ворид карда шуда, корҳои таъмирӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ба маблағи 3,4 млн. сомонӣ ба анҷом расонида шудааст.

4.2. Тибқи созишномаҳои дахлдор як қисм маводҳои харидоришуда ба андозаи 96,2 млн. сомонӣ дар анборҳои ширкатҳои молрасон нигоҳдорӣ гардида истодааст.

4.3. Ба ҳолати 01 марти соли 2021 воридоти як қисм захираҳои моддию молӣ ва техникаю таҷҳизотҳои тиббӣ ба маблағи 88,1 млн. сомонӣ дар раванди воридшавӣ қарор доранд.

4.4. Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва дигар вазорату идораҳо аз молу маводҳои воридгардида ба маблағи 103,5 млн. сомонӣ тақсимот карда шудааст.

4.5. Аз ҳисоби маблағҳои ҷудошуда барои пардохти кӯмакпулии яквақта ба оилаҳои камбизоат тавассути Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағи 73,5 млн. сомонӣ ҷудо карда шудааст.

5. Ҷиҳати пардохти кӯмакпулии яквақта ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 267549 нафар шаҳрванди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағи 107,0 млн. сомонӣ ҷудо карда шуда, аз ҷониби ин ниҳод ва сохторҳои он ба шаҳрвандон ба маблағи 106,8 млн. сомонӣ кӯмаки яквақта пардохт карда шуда, бақияи маблағҳо 200,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет бозпас гардонида шудааст.

6. Дар асоси Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2020, №72-ф аз ҳисоби маблағҳои ҷудогардида тавассути Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ширкатҳои молрасон барои хариди гандуми тухмӣ маблағи 6300,0 ҳазор сомонӣ, картошкаи тухмӣ 4662,5 ҳазор сомонӣ, заҳрдоруҳо барои мубориза бар зидди малах 2405,8 ҳазор сомонӣ ва хариди заҳрдоруҳо барои коркарди кимиёвии боғу токзорҳо 884,7 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 14253,1 ҳазор сомонӣ равона карда

шудааст. Аз ҳисоби маблағҳои мазкур 737 тонна гандуми тухмӣ ба маблағи 4203,7 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст.

6.1. Воридоти заҳрдоруҳо барои мубориза бар зидди малах ва заҳрдоруҳо барои коркарди кимиёвии боғу токзорҳо ва картошкаи тухмӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020 дар раванди воридшавӣ қарор доранд.

7. Тавассути Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 400,0 сомонӣ барои пардохти кӯмакпулии яквақта ба 300 нафар гурезагони камбизоати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маблағи 120,0 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда, ба 291 нафари гуреза 116,4 ҳазор сомонӣ пардохт карда шуда, бақияи маблағҳо дар ҳаҷми 3,6 ҳазор сомонӣ ба буҷет бозпас гардонида шудааст.

8. Тавассути Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ширкатҳои молтаъминкунанда барои хариди сӯзишвории дизелӣ ва гандуми истеъмолӣ маблағи 103,0 млн. сомонӣ хароҷот карда шуда, маҳсулотҳои зикргардида қисман ворид карда шудааст.

9. Мутобиқи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2020, №106-ф дар доираи барномаи вокуниши фаъол ба КОВИД-19 тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” маблағи 180,0 млн. сомонӣ ҷудо карда шудааст.

9.1. Таҳлил нишон дод, ки маблағҳои ҷудогардида барои дастгирии соҳибкорӣ, хусусан ба соҳибкорзанҳо пешбинӣ гардидааст, аммо маблағи мазкур дар суратҳисоби КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” то моҳи марти соли 2021 бинобар сабаби дар раванди таъсисёбӣ қарор доштани бонки мазкур беҳаракат нигоҳ дошта шуда, истифодаи саривақтии маблағҳои мақсаднок ҷудогардида таъмин нашудааст.

10. Ҳамин тариқ, бо дар назардошти гуфтаҳои боло ва бо мақсади истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои ҷалбгардида, инчунин муқаррароти моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳо тавсияҳои зерин дода мешавад:

- назорати истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои ҷудошуда пурзур карда шуда, оид ба истифодаи бақияи маблағҳои дар суратҳисобҳои Сарраёсати хазинадории марказӣ мавҷудбуда, тибқи тартиби муқарраршуда чораҳои амалӣ андешида шавад;
- ҷиҳати таъмини уҳдадориҳо дар назди созмонҳои маблағгузор аз рӯи созишномаҳои баимзорасонидашуда ва барномаҳои ҳамкорӣ мунтазам чораҷӯи карда шавад;
- бо мақсади истифодаи сарфакорона ва пешгирии хароҷотҳои беасоси маблағҳои барои пешгирии беморecho сироятии каронавирус ҷудошуда дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор тибқи талаботи воқеӣ, ба амал бароварда шаванд.

Инчунин аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ мутобиқ ба талаботи қонуни мазкур ба дигар вазорату идораҳои дахлдори масъул дар тақсим ва

истифодаи маблағҳои ҷудогардида тавсияҳои судманд ирсол карда шудааст, аз ҷумла ба:

- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои ҷудошударо таъмин намуда, ҷиҳати саривақт дастрас ва васл намудани таҷҳизоти тиббии зарурӣ чораҷӯӣ намуда, ҳамзамон ҷиҳати нигаҳдории молу маводи тиббии воридшуда шароити зарурӣ муҳайё намояд;

- Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба шартҳои созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба «Барономаи вокуниши фаъол ба бемории сироятии COVID-19 ва дастгирии хароҷоти буҷети давлатӣ» ва Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2020, №72-ф тақсимоти саривақтии тухмиҳои воридшударо то анҷоми мавсими кишту кор, инчунин танзими тартиби истифодаи онҳоро тавассути Фонди гардишии тухмӣ таъмин намояд;

- КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" мутобиқ ба шартҳои созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба «Барономаи вокуниши фаъол ба бемории сироятии COVID-19 ва дастгирии хароҷоти буҷети давлатӣ» ва Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2020, №106-ф истифодаи саривақтӣ ва мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин намояд;

- Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои талаботи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2020, №72-ф-ро таъмин намуда, тибқи банди 3 фаромиши мазкур ҳисоботи дахлдорро тибқи тартиби муқарраршуда унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд.

Раис Чиллазода Қ.